# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «05» 03 соли 2024 № 12/8 ш. Душанбе

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобики сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.18 – Назарияи механизмҳо ва мошинҳо (ИД №000698), ки бо қарори Комиссияи миллии аттестатсионии Ҷумҳурии Қирғизистон аз 02 ноябри соли 2009 (протоколи №7д-1/1) ба Мансурӣ Дилрабо Сайдулло аз рӯйи ихтисоси 05.02.18 – Назарияи механизмҳо ва мошинҳо дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.18 – Назарияи механизмҳо ва мошинҳо баробарарзиш дониста шавад.
2. Мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Ёров Э.А.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулаҳмадов Ҳ.Ш.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2024, № 1

Раис Давлатзода С.Х.